Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 116 (4536) | ҶУМЪА, 16 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

**16 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай иштирок карданд.**

Дар чорабинӣ, ки дар доираи раёсати Ӯзбекистон дар Созмони ҳамкории Шанхай дар ҳайати маҳдуд ва доираи васеъ баргузор шуд, сарони давлат ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои созмон - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Моди, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, сарони давлатҳои нозир дар СҲШ - Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ ва Президенти Ҷумҳурии Муғулистон Ухнаагийн Хурэлсух, сарони кишварҳои меҳмон - Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳаммадов, Президенти Туркия Раҷаб Тайиб Эрдоган, роҳбарони ниҳодҳои доимии СҲШ - Дабири кулли СҲШ Чжан Минг ва Директори Кумитаи иҷроияи Сохтори зиддитеррористӣ Руслан Мирзоев, инчунин роҳбарони як қатор созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, ЭСКАТО, Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва Иттиҳоди иқтисодии Авру-Осиё иштирок карданд.

Зимни нишаст дар ҳайати маҳдуд сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар иртибот ба рушди вазъи сиёсиву иқтисодии минтақа оид ба масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор намуданд.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ зикр намуданд, ки таи ду даҳсолаи охир дар доираи СҲШ имкон пайдо шуд, то намунаи шарикии мутақобилан судманд, ки самаранокии он бо баробарии ҳама давлатҳои аъзо ва қабули қарорҳо дар асоси тавофуқоти ҷонибҳо таъмин мегардад, ба роҳ монда шавад. Таъкид гардид, ки ҳоло дар назди созмон ҳадафҳои масъулиятноки бо саъю кӯшиши муштарак таъмин намудани рушди устувори минтақа истодаанд.

Дар ин зимн масоили тағйирёбии иқлим ва робитаҳои нақлиётӣ ба таври хоса таъкид гардид. Инчунин, зикр шуд, ки бунёди низоми устувори иқтисодии давлатҳо бе пешбурди «энергетикаи сабз» ва эҷоди инфрасохтори самараноки нақлиётӣ дар ҳудуди СҲШ ғайриимкон аст.

Пешвои миллат таъкид карданд, ки масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ бояд ҳамчун ҷузъи асосии фаъолияти СҲШ боқӣ монанд.

Бо назардошти вазъи мураккаби Афғонистон ба зарурати тақвият бахшидан ба талошҳо барои мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷудоиандозӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар зуҳуроти ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ таъкид гардид.

Зимни баргузории ҷаласа дар доираи васеъ сарони ҳайатҳо масъалаҳои таъмиқи минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанба ва мутақобилан судмандро дар доираи СҲШ бо истифода аз иқтидори давлатҳои нозир ва кишварҳои шарики муколамаи СҲШ баррасӣ карданд.

Пешвои миллат ёдовар шуданд, ки соли гузашта дар нишасти ҷашнии СҲШ дар Тоҷикистон самтҳои стратегии рушди созмон дарояндаи наздик муайян карда шуданд. «Дар Эъломияи Душанбе омадааст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ бояд ҳамчунон меҳвари СҲШ боқӣ монад. Дар шароити имрӯза ин усул аҳамияти хоса дорад», - таъкид доштанд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Зимни суханронӣ оид ба масоили амниятӣ Сарвари давлат ба тамоюли хатарноки густариши идеологияи радикализми динӣ ва ифротгароӣ ишора карда, аз кишварҳои аъзои СҲШ даъват ба амал оварданд, ки вазъро муштаракан назорат кунанд ва барои ҷилавгирӣ аз хатарҳои эҳтимолии афзоиши таҳдидҳои амниятӣ амал намоянд. Пешвои миллат, ҳамчунин, аз афзоиши ҳаҷми қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон изҳори нигаронӣ намуда, аҳамияти ташаббуси таъсиси сохтори алоҳидаи созмонро оид ба мубориза бо маводи мухаддир қайд карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз иқдоми соли гузаштаашон дар бораи қабули «Стратегияи рушди иқтисодии минтақаи СҲШ то соли 2030» ёдовар шуда, пешниҳод карданд, ки ба сарони ҳукуматҳо супориш дода шавад, то ин санадро дар ҷаласаи навбатӣ баррасӣ карда, барои тасдиқи он дар ҷаласаиояндаи СҲШ чораҷӯӣ намоянд.

Дар ҷамъбасти кори ҷаласа сарони давлатҳо аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи СҲШ 22 қарор ба имзо расониданд. Аз ҷумла, «Эъломияи Самарқандии Шӯрои сарони давлатҳо» қабул гардида, «Нақшаи чорабиниҳои ҳамаҷониба барои солҳои 2023-2027 оид ба татбиқи муқаррароти Шартномаи ҳамсоягии дарозмуддати нек, дӯстӣ ва ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ» ва «Консепсияи ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ оид ба рушди робитаҳои байниҳамдигарӣ ва эҷоди долонҳои самарабахши нақлиётӣ» тасдиқ гардиданд.

Бо қарорҳои сарони кишварҳои аъзои СҲШ расмиёти қабули Беларус ба узвияти СҲШ оғоз гардида, ба Баҳрайн, Малдив, Мянма, Аморoти Муттаҳидаи Араб ва Кувайт мақоми шарики муколамаи СҲШ дода шуд.

Пешвои миллат бинобар обхезиҳои фоҷеабору харобиовар дар Ҷумҳурии Исломии Покистон ба Сарвазир ва мардуми бародари он кишвар изҳори ҳамдардӣ намуданд.

Дар анҷоми суханрониашон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон муҳтарам Нарендра Модиро барои қабули раёсати СҲШ дар давраи оянда самимона табрик гуфтанд.

# САФАРИ КОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ САМАРҚАНДИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА МУЛОҚОТ БО САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СҲШ

**15 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар воҳӯрии сарони давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай ба шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел карданд.

Дар ин сафар Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазирони рушди иқтисод ва савдо, нақлиёт ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**Ҳамон рӯз дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Самарқанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов, ҳокими вилояти Самарқанд Эркин Турдимов ва дигар намояндагони воломақоми Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон истиқбол гирифтанд.**

Сафари Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Самарқанд аз зиёрати оромгоҳи нахустин Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон шодравон Ислом Каримов оғоз гардид. Дар он маросим Сарвари давлатро намояндагони олимақоми Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамроҳӣ карданд.

**15 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳтарам Си Ҷинпин мулоқот намуданд.**

Сарони давлатҳо доираи васеи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Хитойро баррасӣ карданд. Дар рафти мулоқот муколамаи пурмаҳсули сиёсӣ дар соли таҷлили 30-юмин солгарди барқарории муносибатҳои дипломатии ҳар ду кишвар ва натиҷаҳои бузурге, ки таи давраи гузашта дар таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ ба даст оварда шудаанд, қайд гардид.

Пешвои миллат ба рушди бемайлони ҳамкории ҳар ду кишвар дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва амниятӣ баҳои баланд доданд.

Ҳамчунин, ҷараёни мусбати афзоиши гардиши мутақобилаи молҳо тасдиқ гардид, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 82 дарсад афзоиш ёфтааст. Дар ин замина, сухан дар бораи мавҷудияти иқтидори калон барои густариши минбаъдаи он, аз ҷумла тавассути имкониятҳои бахши кишоварзӣ рафт.

Ҷонибҳо ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои нақлиёту коммуникатсия, саноат, энергетика ва технологияҳои нав, дар бахшҳои иқтисодиёти рақамӣ ва «рушди сабз» низ ҳавасмандӣ зоҳир карда, татбиқи лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузориро дар ин соҳаҳо муҳим донистанд.

Дар ин зимн ҷониби Хитой ба иштирок дар татбиқи лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун», таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолии Ширкати алюминийи тоҷик «ТАЛКО», ҳамчунин татбиқи ҳар чӣ зудтари марҳилаи дуюми роҳи автомобилгарди Душанбе - Қулма дар қитъаи Қалъаи хумб - Ванҷ - Рӯшон ва таҳияи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Хоруғ - Қулма алоқамандӣ изҳор намуд.

Президенти мамлакат ба дурнамои бузурги ҳамкории кишварҳо дар бахшҳои металлургия, саноати сабук ва хӯрокворӣ ба ташкили паркҳои муштараки саноатӣ ишора карданд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, доир ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар робита ба рушди авзоъ дар Афғонистон табодули афкор намуданд.

Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳтарам Си Ҷинпин изҳор доштанд, ки ҷониби Хитой нигаронии Тоҷикистонро оид ба вазъи Афғонистон ва мушкилоти минтақавии вобаста ба онро хуб дарк менамояд ва омодаи идомаи ҳамкориҳои зич дар арсаи амниятӣ ва таҳкими ҳифзи сарҳадот бо ин кишвари ҳамсоя мебошад.

Ҷониби Хитой манфиатдор буданашро ба тавсеаи ҳамкориҳои амалии минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи механизми «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Мардумии Чин» низ ҳаматарафа таъкид кард.

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Си Ҷинпин даъват ба амал оварданд, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф биёранд.

Дар ҳошияи мулоқоти сарони давлатҳои Тоҷикистону Хитой дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳтарам Си Ҷинпин се санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:

- Ёддошти тафоҳум оид ба тақвияти ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар соҳаи рушди сабз байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорати Ҷумҳурии Халқии Хитой;
- Ёддошти тафоҳум оид ба тақвияти ҳамкории сармоягузорӣ дар самти иқтисоди рақамӣ байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорати Ҷумҳурии Халқии Хитой;
- Протоколи иловагӣ оид ба татбиқи лоиҳаи сохтмони қитъаҳои қисман асосии марҳилаи дуюми шоҳроҳи Душанбе - Кулма.

**Ҳамчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳим Раисӣ мулоқот намуданд.**

Сарони кишварҳо масъалаҳои вобаста ба ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Эронро мавриди баррасӣ қарор дода, аз равандҳои мусбати солҳои охир дар муносиботи Тоҷикистону Эрон, минҷумла муколамаи созандаи сиёсӣ ва тамоюли мусбати муомилоти тиҷоратӣ байни ҳар ду кишвар, ки дар шаш моҳи сипаришуда аллакай ба беш аз 116 миллион доллар расидааст, изҳори қаноатмандӣ намуданд. Қобили зикр аст, ки ин нишондиҳанда соли 2021 ба 120 миллион доллар баробар буд.

Идомаи муваффақонаи ҳамкорӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, саноату кишоварзӣ, энергетика ва нақлиёту коммуникатсия, инчунин, дар арсаи фарҳангиву гуманитарӣ, ба нафъи мардуми ҳар ду кишвар дониста шуд.

Дар ин замина ба рушди ҳамкориҳо миёни бахшҳои хусусиву давлатӣ, ҷалби сармоя, таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ, робитаҳои мустақими минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва шаҳракҳои саноатии ҳар ду кишвар авлавият дода шуд.

Сарвари давлати мо, дар баробари ин, аз таъсиси гурӯҳи кории муштарак бо мақсади истифодаи зарфиятҳои транзитии кишварҳо ва идомаи ҳамкориҳои мустақим миёни вилоятҳо ва шаҳрҳои Тоҷикистону Эрон, аз ҷумла барқарории равобити бародаршаҳрӣ байни онҳо, ҷонибдорӣ намуданд.

Зарурати бештар фаъол гардидани абзорҳои дуҷониба, ба монанди Комиссияи муштараки ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ, Кумитаи муштараки сармоягузории Тоҷикистону Эрон, баргузории пайвастаи намоишгоҳҳои молу маҳсулот ва нишастҳои доираҳои соҳибкории ҳар ду кишвар барои расидан ба ҳадафҳо таъкид гардид.

Пешвои миллат, бо такя ба арзишҳои муштараки таърихиву фарҳангии мардум, нақши баргузории Рӯзҳои фарҳангии ҷонибҳоро дар қаламрави ҳамдигар дарояндаи наздик ҷиҳати тақвияти равобити фарҳангии ҳар ду кишвар муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар ҷараёни воҳӯрӣ роҳбарони ҳар ду давлат, ҳамчунин, дар робита ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла вобаста ба вазъи Афғонистон, табодули назар анҷом доданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф низ мулоқот анҷом доданд.**

Зимни он ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба муносибат ва ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Покистонро баррасӣ намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст Шаҳбоз Шарифро ба муносибати интихоб гардидан ба маснади олии Сарвазири кишвари дӯсти Покистон табрик гуфта, дар фаъолияти сермасъули давлатиашон комёбиҳо орзу намуданд.

Дар баробари ин, Пешвои миллат бинобар обхезиҳои фоҷеабору харобиовар дар Ҷумҳурии Исломии Покистон ба Сарвазир ва мардуми бародари он кишвар ҳамдардии самимӣ иброз намуданд.

Дар ин зимн Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон сипоси амиқи худ ва мардуми кишварашро ба ҷониби Тоҷикистон барои расонидани кумаки башарӣ изҳор намуданд.

Дар рафти суҳбат Президенти мамлакат таъкид карданд, ки таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории созанда бо Покистон аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон ба шумор меравад.

Рушди бомароми ҳамкориҳо таи 30 соли баъд аз барқарории муносибатҳои дипломатӣ дар арсаҳои сиёсӣ, соҳаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, фарҳангиву гуманитарӣ ва амниятӣ низ зикр гардид.

Дар заминаи робитаҳо дар бахшҳои энергетика ва нақлиёту коммуникатсия вусъати татбиқи тарҳҳои вобаста ба пайвасти шабакаҳои энергетикӣ ва нақлиётӣ, аз ҷумла «CASA-1000» ва баромад ба бандарҳои Покистон, ба манфиати ҳар ду кишвар хонда шуд.

Бо дарназардошти таҷрибаи ғании Покистон, ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистон барои таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди нахи пахта, пашму пӯст то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, коркарди сангҳои мармару хоро ва истеҳсоли шишаи сохтмонӣ изҳор карда шуд.

Бештар фаъол гардидани абзорҳои дуҷониба, аз ҷумла Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, Шӯрои муштараки соҳибкорон, Форуми соҳибкории Тоҷикистону Покистон ба манфиати кор дониста шуд.

Меҳвари шарикии кишварҳо дар соҳаи таъмини амният, пеш аз ҳама, ҳамкорӣ дар масъалаҳои муқовимат ба терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва зуҳуроти дигари ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ ва хатару таҳдидҳои глобалӣ арзёбӣ гардиданд.

Ҷонибҳо ҳамчунин, дар робита ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, бахусус вазъи Афғонистон, табодули назар анҷом доданд.

Сарвазири Покистон Пешвои миллатро бо сафари расмӣ ба кишварашон даъват намуданд. Сарвари давлати Тоҷикистон низ Шаҳбоз Шарифро ҷиҳати анҷом додани боздиди расмӣ аз Тоҷикистон даъват намуданд.

Мулоқот дар фазои дӯстона, ҳусни тафоҳум ва эътимоди байниҳамдигарӣ сурат гирифт.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# САФАРИ КОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ САМАРҚАНДИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА МУЛОҚОТ БО САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СҲШ

(Идома аз саҳ. 1)

**Инчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи иштирок дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Самарқанд бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқот намуданд.**

Президенти мамлакат дар оғоз муҳтарам Шавкат Мирзиёевро ба муносибати раёсати муваффақонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Созмони ҳамкории Шанхай табрик гуфтанд.

Зимни мулоқот сарони давлатҳо масъалаҳои мубрами рушди минбаъдаи ҳамкории Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро баррасӣ карданд. Сатҳи баланди муносибатҳои дуҷониба дар доираи шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ қайд карда шуд. Инкишофи минбаъдаи ҳамкории ҳар ду кишвар дар ин рӯҳия ба манфиатҳои бунёдӣ ва ормонҳои ҳар ду халқи бародар мувофиқ дониста шуд.

Ҷонибҳо ба натиҷаҳои музокироти боварибахш дар сатҳи баланд дар ҷараёни сафари охири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон баҳои баланд доданд. Президенти мамлакат изҳори итминон карданд, ки татбиқи мунтазами созишҳои ҳосилшуда ба ҳамкории ҷонибҳо дар ҳама ҷабҳа такони сифатан нав мебахшад.

Ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ самти афзалиятноки равобити ҳар ду кишвар ва сатҳи баланди гардиши савдои мутақобила номида шуд.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт низ аз самтҳои ояндадор номида шуда, аз оғози татбиқи лоиҳаи сохтмони муштараки ҳар ду неругоҳи барқи обӣ дар дарёи Зарафшон, ба роҳ мондани робитаҳои мустақими роҳи оҳан байни пойтахтҳои ҳар ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Сарони давлатҳо аҳамияти густариши минбаъдаи ҳамкорӣ дар бахшҳои фарҳангию гуманитариро таъкид карда, пурмазмун кардани рӯзномаи муносибатҳои дутарафаро бо масъалаҳои нав ба манфиати ҳар ду кишвар номиданд.

**15 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар маросими ниҳолшинонӣ иштирок карда, аз Маҷмааи фарҳангию этнографии «Шаҳри абадӣ» боздид ба амал оварданд.**

Нахуст Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони давлатҳои аъзо ва нозири Созмони ҳамкории Шанхай дар ҳудуди «Конгресс - холл» бо умеди рушду шукуфоии кишвари дӯсту ҳамсояи Ӯзбекистон ва саодатмандии ҳар чӣ бештари мардуми бародари ӯзбек ниҳоли дӯстӣ шинониданд.

Сипас, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамроҳии роҳбари кишвари мизбон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва сарони давлатҳои аъзо ва нозири Созмони ҳамкории Шанхай ба Маҷмааи фарҳангию этнографии «Шаҳри абадӣ» ташриф оварда, бо имкониятҳои сайёҳии он шинос шуданд.

Дар «Шаҳри абадӣ» Маҷмааи сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» ташкил гардида, он аз Маркази байналмилалии «Конгресс» бо 3500 ҷой, 8 меҳмонхона, парки таърихию этнографии «Шаҳри абадӣ», кӯл ва дарахтони гуногун иборат аст.

Иттилоъ дода шуд, ки Маҷмааи фарҳангию этнографии «Шаҳри абадӣ» дар масоҳати 120 гектар доман паҳн карда, соли 2022 ба ифтихори баргузории ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай ифтитоҳ гардидааст.

Маҷмааи таърихию этнографии «Шаҳри абадӣ» як намунаи шаҳри бостонии Самарқанди Ӯзбекистон мебошад. Сайёҳон дар он ҷо имкон доранд, ки зимни тамошои кӯчаҳо бо таърихy фарҳанг ва маданияти мардуми шаҳри қадима шинос шаванд.

Аз ҷониби ҳунармандони театр дар маҷмаа барномаҳои рангини консертӣ ва намоишномаҳо пешкаш карда мешавад.

Маҷмаа, ҳамчунин, муаррифгари ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии минтақаҳои гуногуни Ӯзбекистон буда, меҳмонон имкон доранд аз маҳсули дасти ҳунармандон барои хотира харидорӣ намоянд.

**16 сентябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанд дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров мулоқот намуда, вазъ дар минтақаи сарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистонро баррасӣ карданд.**

Президентҳо дар бораи таъсиси комиссия оид ба таҳқиқи сабабҳои ҳодисаи мусаллаҳона ба мувофиқа расиданд ва ба ҳамраисони Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ дастур доданд, ки фаъолияти он, аз ҷумла фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба масъалаҳои топографӣ ва ҳуқуқӣ, фаъол гардонида шавад.

Сарони давлатҳо изҳори мавқеи ҳамсон намуданд, ки масъалаҳои бамиёномада бояд танҳо бо роҳи сиёсӣ ва дипломатӣ ҳал карда шаванд.

**www.president.tj**

# ЗИРОАТЕ, КИ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ МЕТАВОНАД ТАҲАВВУЛОТ БА ВУҶУД ОРАД

**...Шаҳри Москва. Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи ИҶШС. Фаввораи «Дӯстии халқҳо». Дар паси муҷассамаҳои бонувони зебои ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ аз байни бастаҳои гандум барги рустание ба назар мерасад, ки ҳоло шояд бинандагони зиёдро ба ҳайрат орад. Ин зироат бангдонаи бадномшуда аст, ки баъзе аз навъҳои он аз даврони қадим дар бисёр кишварҳо ҳамчун зироати ғизоӣ ва табобатӣ истифода мегардид. Замони шӯравӣ зироати асосии кишоварзӣ маҳсуб ёфта, аз дон ва баргу танаи он маҳсулоти зиёд истеҳсол мешуд.**

### БАНГДОНА ЧӢ ГУНА ЗИРОАТ АСТ ВА ЧАРО БАДНОМ ШУДААСТ?



Дар бисёр кишварҳо онро бо номҳои канабис, канабис сатива ва канабенол мешиносанд. Аҷиб аст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ бангдона ҳамчунин канаб ва канаф ном бурда мешавад. Дар шарҳи ин вожаҳо чунин омадааст: «...гиёҳи шоҳдона (бангдона), ки аз торҳои танаи он ресмон мебофанд ва коғаз месозанд». Бангдона ҳамчун номи дуюм пас аз вожаи шоҳдона омадааст ва ин бесабаб нест.

Гурӯҳи гиёҳҳои гулдори як ё чандсола бо баргҳои панҷаии бурида ё панҷаии лапдорро шоҳдонаиён меноманд. Вале дар луғатҳо шоҳдонаро банг ҳам номидаанд ва ин ном дар байни мардум бештар паҳн гардида, чунин шарҳ дода шудааст: «...гиёҳи яксолаест, ки барои ҳосил кардани нашъа ва равған дар баъзе кишварҳои гарм парвариш мешавад».

Яке аз хусусиятҳои баъзе аз навъҳои шоҳдона моддаҳои психотропӣ доштани онҳост, ки бо ҳамин сабаб аз онҳо маводи мухаддир истеҳсол мегардад.

Дар рисолаи номзадии муҳаққиқи лаҳҷаҳои бадахшонӣ Санавбар Аноятшоев «Этнолингвистический анализ лексики лекарственных растений языков Бадахшанского ареала» (с. 2020) омадааст, ки дар «Авесто» низ бо мафҳуми «canabis sativa» дучор омадан мумкин аст. Дар фарвардин яшт дар бораи тарзи парвариши шоҳдона - ҳамчун зироати кишоварзӣ сухан меравад.

Тибқи баъзе маълумот, шоҳдона ба хони наврӯзии ҳафтшин низ шомил будааст:

«Дар чорабиниҳои фароғатии наврӯзӣ дастархон бо ҳафт син - сипанд, санҷид, себ, сир, суманак, сабзӣ, сирко ва ҳафт шин – шир, шакар, шамъ, шароб, шиннӣ, шавла, шоҳдона оро дода мешавад...» («Зангӯлаи фараҳу шодмонӣ», ҳафтаномаи «Фараж», 11. 02. 2020).

То соли 1769 дар ИМА қонуне мавҷуд буд, ки тибқи он, барои саркашӣ аз кишти шоҳдона деҳқонро ба зиндон партофтан имкон дошт. Илова бар ин, то ибтидои асри XIX аҳолии он мамлакат ҳуқуқ дошт бо ин зироат андоз супорад. Яъне, шоҳдона арзиш ва мақоми баланд дошт.

Дар Россияи подшоҳӣ он миёни зироати содиротӣ дар ҷои дуюм меистодааст. Дар гузаштаи дур ин давлатро Россияи пасконӣ меномиданд. «Паскон» номи матоест, ки аз нахи шоҳдона истеҳсол мегардид. Аз давраҳои қадим русҳо шавлаи шоҳдонаӣ мепухтаанд, ки дар он дон ё тухми ин зироат истифода мегардид. То соли 1961 дар Иттиҳоди Шӯравӣ низ ин зироат парвариш мешуд. Соли 1936 бошад, дар собиқ ИҶШС аз панҷ чор ҳиссаи заминҳои кишт ё 680 ҳазор гектарро майдонҳои кишти шоҳдона ташкил медоданд. Дони он ва равғанаш ғизоӣ буду аз пояаш нах, коғаз, пластики пурдошт ва ҳатто маҳсулоте истеҳсол мешуд, ки метавонист нефтро иваз намояд.

Яке аз сабабҳои бадном гардиданаш хусусияти психотропӣ доштани баъзе намудҳои шоҳдона ва аз онҳо тайёр кардани маводи мухаддир аст. Ду навъи он аз 0,3 то 1,5 фоиз маводи психотропӣ дошта, дар таркиби навъи ҳиндии он ин нишондиҳанда то 20 фоиз мерасад.

### РИШТА ВА МАТОЪ



Дар гузашта риштаву канаб, танобу арғамчинҳои шоҳдонаӣ машҳур буданд. Хусусан, баҳрнавардон барои тайёр кардани тӯру банд барои киштӣ асосан аз риштаҳои шоҳдонаӣ истифода мебурданд, зеро он риштаҳо хеле устувор буда, дар обу намии зиёд ба зудӣ намепӯсанд. Нахи аз шоҳдона тайёршуда нисбат ба нахи пахта 10 маротиба сахттар ва аз ҷиҳати экологӣ низ безарар аст. Дар гузашта нахи пахта табиӣ буд, ҳоло он аз чандин коркарди кимиёвӣ мегузарад. Барои шаҳдона оби зиёд ҳам лозим нест, дар ҳар гуна замин мерӯяд ва ҳосилнокиаш нисбат ба пахта 3-4 маротиба зиёд аст. Матоъҳои аз нахи шаҳдона тайёршуда хусусияти гипоаллергенӣ доранд ва ба зудӣ фарсуда намешаванд. Ҳамчунин, матоъҳои шоҳдонаӣ бадани инсонро то 95 фоиз аз нурҳои ултрабунафш ҳифз мекунанд. Дар ҳоле ки пахта 35 - 50 фоиз ҳифз менамояд.

### ПУЛ ВА КОҒАЗ

Муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки аввалин коғаз аз шоҳдона тайёр шудааст. Пулҳои нахустинро низ аз чунин коғаз баровварда будаанд. Коғази китобҳои ношири машҳури олмонӣ Гуттенберг низ аз шоҳдона буд, ки бо сифати баланд то замони мо расидаанд.

Истеҳсоли коғаз аз селлюлозаи дарахт боиси аз байн рафтани ҷангалзор гардида, барои муҳити атроф низ зарарнок аст. Коғази шоҳдона аз ҷиҳати экологӣ безарар ва суръати нашъунамои ин зироат нисбат ба дарахтон хеле баландтар аст.

### ПЛАСТИКИ БЕЗАРАР ВА АВТОМОБИЛ АЗ ШОҲДОНА




Чанд сол пештар аз манъи кишти шоҳдона дар ИМА сарватманди машҳур - Генрих Форд автомобилеро намоиш дод, ки аз шоҳдона сохта шудааст. Маълум мегардад, ки аз шоҳдона бо роҳи фишор овардан тахта, ҳамчунин аз мағзи он пластик истеҳсол кардан мумкин аст. Ин маҳсулотро биопластик номидаанд. Айни ҳол аз шоҳдона полиэтилен, пластмасса ва селофан низ истеҳсол мешавад. Дар оянда он ҳатман ҷои пластики кимиёвиро хоҳад гирифт.

### СӮЗИШВОРӢ

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳсулоти аз шоҳдона тайёршуда дар оянда метавонад маҳсулоти нефтиро қариб пурра иваз намояд. Аввалан, аз дон ва баргу пояи шоҳдона ангишт, метанол, спирти чӯб, этанол, спирти одӣ ва ҳатто бензин истеҳсол кардан мумкин аст, ки баъди сӯхтан аз он сулфури зарарнок ҷудо намешавад. Метанол сӯзишвории хуби автомобилист, ки айни ҳол онро барои автомобилҳои варзишӣ дар мусобиқаҳо истифода мебаранд.

Воқеан, автомобили шоҳдонаии Генри Форд ҳам бо ин сӯзишворӣ ҳаракат мекард. Равғани дони шоҳдонаро метавон ҳамчун сӯзишвории автомобил истифода бурд. Доираи истифодаи спиртҳо ба ҳама маълум аст.

### СОҲАИ ДОРУСОЗӢ



Дар ҳама китобҳои тиббӣ бо номҳои гуногуни шоҳдона дучор омадан мумкин аст. Чунки истеъмол ва истифодаи маҳсулоти зироати мазкур барои табобати бемориҳои гуногун тавсия мешавад. Аслан, хусусиятҳои шифоии шоҳдона аз давраҳои қадимтарин маълум буда, он барои табобати бемориҳои хеле ҷиддӣ, мисли саратон, ВНМО/БПНМ (ВИЧ/СПИД), атеросклероз, афсурдарӯҳӣ (депрессия), саръ (эпилепсия), сардард (мигрен), диққи нафас (астма), дардҳои сахт, дистония ва даҳҳо бемориҳои сабуки дигар манфиатнок будааст. Он, ҳамчунин, хазинаи бои витаминҳо, микроэлементҳо, сафедаҳо ва туршӣ (кислота)-ҳои Омега-3 ва Омега-6 аст, ки барои табобати бемориҳои дил муфид буда, холестеринро кам мекунад ва хавфи атеросклерозро бартараф месозад.

### ҒИЗО

Аз дони он шавлаи шоҳдонаӣ мепазанд, ки ин таом миёни халқ машҳур аст. Лекин хӯрокҳои дигар низ аз ин зироат тайёр мешаванд. Азбаски кӯфтаи дони шоҳдона моддаҳои фаъоли психотропӣ надорад, аз он ҳатто барои тифлакони хурдсол ва занони ҳомила низ хӯрок тайёр кардан мумкин аст. Дар таркиби дон ё тухмии зироат руҳ (синк), оҳан, калтсий, марганетс, фосфор, калий, сулфур, сафедаҳои муфид ва элементҳои дигар зиёданд, ки рехтани мӯйро пешгирӣ мекунанд, фарбеҳиро рафъ, пӯст ва нохунҳоро мустаҳкам месозанд. Фаъолияти мағзи сарро беҳтар мегардонад. Шавлаи шоҳдона ҳам ба модарони ҷавон тавсия мешавад, ки ширашонро зиёд мегардонад. Аз орди шоҳдона макарон ва маҳсулоти нонӣ низ тайёр мекунанд. Дар бораи манфиатҳои онҳо ва паниру шоколади аз шоҳдона истеҳсолшуда чизе намегӯем.

### «ДОМ КОНОПЛИ» («ХОНАИ ШОҲДОНА»)

Дар яке аз кӯчаҳои марказии шаҳри Москва бо ин ном қаҳвахонае бунёд ёфтааст, ки ба Максим Уваров ном соҳибкор тааллуқ дорад. Ҳоло қаҳвахонаи ӯ ба ҷои дӯстдоштаи мардуми атроф табдил ёфтааст, зеро хотираи халқ чизеро фаромӯш намесозад ва дар ин бино қариб ҳама ороишот аз баргу пояи шоҳдона асту худи М.Уваров донандаи хуби хусусият ва манфиатҳои ин зироат, ҳамчунин тарғибгари кишту парвариш ва истеҳсоли маҳсулот аз шоҳдона мебошад.

Дар Германия бонуи соҳибкор Кармен Хок Хайл аз нахи шоҳдона маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро истеҳсол намудааст, ки гармии манзилҳоро нигоҳ медорад. Он метавонад «стекловата» («пахта аз шиша»)-ро, ки ҳам зарарнок асту ҳам сунъӣ иваз намояд, ба намиҳо тобовар аст, пайдошавии мағору замбурӯғҳоро пешгирӣ мекунад ва намесӯзад.

### КОСМЕТОЛОГИЯ

Дар асоси равғани шоҳдона воситаҳои зиёди косметикӣ истеҳсол мегардад. Он сӯрохиҳои пӯстро пур накарда, имкон медиҳад, ки он роҳат нафас кашад. Хусусияти ҷавон кардани пӯстро низ дошта, захмҳоро шифо мебахшад.

Ин танҳо як қисми хеле хурди хусусиятҳо ва усулҳои истифодаи шоҳдона аст. Хусусияти муҳими дигари зироат он аст, ки дар 100-110 рӯз то 2 - 3 метр қад мекашад ва дар як сол чанд ҳосил медиҳад. Онро дар заминҳои харобгашта низ парвариш кардан мумкин аст, ки дар натиҷа таркиби хок ғанӣ мегардад.

Ҳоло дар Федератсияи Россия 28 навъи техникии он мавҷуд буда, маҳсулоти аз он тайёршуда соли 2021 ба даҳгонаи беҳтарини самтҳои сармоягузорӣ ворид гардидааст.

Чаро бо ин ҳама хусусият парвариш ва истифодаи шоҳдона мамнӯъ эълон гардид?

1. Як гектар шоҳдона барои истеҳсолот метавонад 4 га ҷангалро иваз намояд. Магар ин нишондиҳанда ҷангалбурону истеҳсолкунандагони коғазро хуш меояд?

2. Маҳсулоти аз шоҳдона истеҳсолгардида метавонад на танҳо нефт, балки маҳсулоти аз он истеҳсолшавандаи синтетикӣ, этанолу метанол ва спирту бензинро низ иваз кунад ва аз он маҳсулоти пластикӣ низ истеҳсол карда шавад. Табиист, ки ин ҷиҳат ба истеҳсолкунандаи нефт писанд нест.

Барои рӯшанӣ андохтан ба масъала ба солҳои сиюми асри гузашта бармегардем.

Дар он давра Ширкати «DU PONT» наххои синтетикии нейлон ва маҳсулоти кимиёвии сафедкунандаи коғаз истеҳсол менамуд. Вале оғози коркарди шоҳдона, истеҳсоли наху матои безарар ва коғаз аз он, ки майдони кишташ сол то сол зиёд мегарданд, монеаи кори ширкат гашт. Ба ибораи дигар, бозори онро касод намуд. Роҳбарияти ширкат барои раҳоӣ аз вазъият бо соҳибкори ҷанҷолӣ - Вилям Рэндолф Ҳерст- сарвари холдинги «Ҳерст Корпорейшн», ки муассиси рӯзнома буд ва бо туҳмату иғвову дасиса сарват ҷамъ менамуд, барои мубориза бар зидди шоҳдона ва маҳсулоти он забон як намуд. Баъд аз ин бо мақолаҳо ва фармудаҳои ин гурги борондида- медиамагнати «матбуоти зард», ки пайдошавии ҳар ду истилоҳ ҳам ба номи ӯ марбутанд, туҳмати зиёде ба сари шоҳдона рехт. Ҳама номҳои зироат - «canabis sativa», синонимҳо ва шаклҳои дигари он аз байн рафта, ҷои онҳоро вожаи манфуру даҳшатноки «марихуанна» гирифт. Журналистони рӯзномаҳои В. Ҳерст сабаби ҳамаи ҷиноятҳои вазнинро бо «марихуанна» алоқаманд менамуданд. Дар натиҷа, шоҳдона барои фаъолияти мағзи сар ва умуман саломатӣ зарарнок эълон гардида, аҳли ҷомеа нисбат ба он, аниқтараш «марихуанна», нафрат пайдо намуданд ва соли 1937 Конгресси ИМА кишти шоҳдонаро мамнӯъ эълон кард.

Дертар овозаҳои бардурӯғ то ИҶШС низ расид ва 30 марти соли 1961 дар Ню - Йорк бо иштироки аксари иштироккунандагон СММ Конвенсияи ягонаро оид ба манъ намудани парвариши шоҳдона қабул намуд. Намояндаи ИҶШС низ ба он имзо гузошт ва тибқи конвенсия кишту парвариши шоҳдона зери назорати ҷиддӣ қарор гирифт. Қариб 40 сол аз шоҳдона касе ёд намекард. Танҳо пас аз солҳои 2000-ум онро дар баъзе аз кишварҳои Аврупо ба ёд оварданд ва парваришу истифодаи шоҳдона аз нав ба роҳ монда шуд. Пас аз ворид намудани навъи техникии шоҳдона ба Реестри давлатии зироатҳои кишоварзии Федератсияи Россия парвариши он дар ин ҷо низ аз нав оғоз ёфт, вале дар ҳаҷми ночиз.

Шояд вақти он расидааст, ки соҳибкорони кишвари мо низ истеҳсоли ин зироатро, ки дони онро пас аз гандум, воқеан, метавон шоҳи донҳо номид, ба роҳ монанд. Он дар соҳаи кишоварзӣ метавонад таҳаввулот ба вуҷуд орад.

**Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

# ТАВАҶҶУҲИ ХОСА - КАФОЛАТИ РУШДИ БАРДАВОМИ СОҲА

## Мусоҳибаи хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» бо раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷиддин Ҷӯразода



**- Дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор гирифтани соҳаи сайёҳӣ ба кадом ҷанбаҳо рабт дорад?**

- Сайёҳӣ воситаи асосии ҷалби сармоягузорӣ, соҳаи ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ, василаи ғанӣ гардонидани буҷети давлат ва манбаи боэътимоди рушди устувори иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ гардидааст.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019 - 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид.

Соли 2018 нишондиҳандаҳо натиҷагирӣ карда шуда, бори нахуст дар даврони соҳибистиқлолӣ шумораи сайёҳони хориҷӣ ба 1 миллиону 155 ҳазор расид, ки нисбат ба як соли пеш 2,6 маротиба зиёд мебошад. Соли 2019 аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурӣ ташрифоварда 1 миллиону 257 ҳазору 300 нафарашон сайёҳ буданд.

Зимнан, намояндагони бахши сайёҳии мамлакат дар калонтарин намоишгоҳҳои сайёҳию тиҷоратӣ ва ҳунармандӣ, ки дар Германия, Британияи Кабир, Малайзия, ИМА, Арабистони Саудӣ, Кувайт, Юнон, Туркия, Испания ва дигар давлатҳои мутараққӣ баргузор гардид, ширкат варзида, захира ва имконияти сайёҳии мамлакатро ба дӯстдорони сайру сайёҳати Тоҷикистон таблиғу ташвиқ намуданд.

Қобили зикр аст, ки ҳоло 3000 ёдгории таърихию фарҳангие, ки ба қайд гирифта шудаанд, барои ворид кардан ба феҳристи сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дорад.

**- Яке аз масъалаҳои муҳим таъмини амнияти сайёҳон аст...**

- Саҳми мақомоти қудратӣ дар таъмини амнияти сайёҳони дохилию хориҷӣ назаррас буда, аз соли 2018 дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи милитсияи сайёҳӣ фаъолият мекунад.

Андешидани тадбирҳо барои таъмини амнияти сайёҳон яке аз ҳадафҳои «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» маҳсуб мешавад. Далели боэътимоди амнияти Тоҷикистон он аст, ки Маркази таҳлилии америкоии «Gallup» зимни назарсанҷии шаҳрвандони 142 давлати дунё Тоҷикистонро дар зинаи дуюми амнтарин кишварҳои олам ҷой дод.

Нашрияи «Индепендент» (The Independent) пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанберо ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона шомил намуд. Департаменти давлатии ИМА оид ба масъалаҳои сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро яке аз мамлакатҳои барои саёҳат амну бехатар арзёбӣ карда, барои сафар ба шаҳрвандонаш тавсия дод.

**- Барои рушди бемайлони соҳа чӣ имтиёзҳо муқаррар гардидааст?**

- Тибқи санадҳои қабулгардида, ширкатҳои сайёҳӣ дар тӯли панҷ соли аввали фаъолият аз андози фоида аз воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод буда, боҷи гумрукӣ барои воридоти автомашинаҳои нав бо мақсади сайёҳӣ 50 дарсад коҳиш дода шуд.

Фароҳам овардани имтиёзи андозию гумрукӣ ҳавасмандии соҳибкоронро боз ҳам зиёд намуда, дар заминаи ин имтиёзҳо ҳоло зиёда аз 20 лоиҳаи инфрасохтории сайёҳӣ дар самтҳои бунёди маҷмааҳои сайёҳӣ, боғҳои фарҳангию истироҳатӣ, роҳи танобӣ, меҳмонхонаю осоишгоҳ ва дигар иншооти сайёҳӣ бомаром идома дорад.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари америкоӣ сармоягузорӣ менамоянд, раводиди бисёркаратаи панҷсола ва барои содагардонии рафтуомади ҳамватанони бурунмарзие, ки зодагони Тоҷикистонанд, раводиди бисёркаратаи сесола дода мешавад.

Барои ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳон ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ раводиди навъи сайёҳии бисёркаратаи то 60 - рӯза ҷорӣ шуд. Инчунин, ба хотири муҳайё сохтани шароити хуби таълимӣ ва хизматрасонии муосир барои тарбияи мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ таъсис ёфт. Айни замон дар беш аз даҳ муассисаи таълимии ҷумҳурӣ мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ омода мешаванд.

Ҳамчунин, дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ зиёда аз 240 ширкати сайёҳӣ ва зиёда аз 280 субъекти хизматрасонӣ - меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, ҳостел ва мотел, маркази муолиҷавӣ, базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият мекунанд.

**- Пойтахти кишварҳо барои рушди туризм ва инкишофи он саҳми калон доранд...**

- Дуруст. Душанбе ҳоло гулбоғро мемонад. Пойтахт, воқеан, ба шаҳри орзуҳо мубаддал гаштааст. Он аз ҷумлаи шаҳрҳои сайёҳист, ки ҳама нишонаи таърихи бостонӣ ва фарҳангиро дар радифи ободонӣ ва сохтмони биноҳои замонавӣ ҳифз намуда, бо таърих, табиат, маданияти меросӣ диққати сайёҳонро ҷалб кардааст.

Дар ҷолибсозии симои шаҳр барои сайёҳон саҳми Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бузург аст. Ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар бунёди меҳмонхонаҳои панҷситорадор, иншооти тиббӣ, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, чойхонаҳои бо нақшунигори миллӣ ororoдашуда, коххои бегазанди бо усулҳои муосир бунёдшуда, китобхонаю осорхонаҳо яке аз самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳӣ дар шаҳри Душанбе ба шумор меравад.

Шаҳри Душанбе ҳамчун дарвозаи асосии қабули сайёҳон ва садҳо ҳазор меҳмонони хориҷӣ барои сайёҳоне, ки ба самти манзараҳои зебову дидании минтақаи Бадахшон, Хатлону Зарафшон, Ромит ва Варзоб равонаанд, ба макони аввалияи будубоши бароҳату бофароғати сайёҳон табдил ёфтааст. Тибқи назарсанҷии Агентии иттилоотӣ ва таҳлилии «ТурСтат», пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ба даҳгонаи беҳтарин шаҳрҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои саёҳати баҳорӣ ва тирамоҳӣ шомил гардид.

**- Ҷаззобтарин мавзеъҳо, ки ба ҷалби бештари сайёҳон ва шинохти беҳтари кишвар боис мешаванд, кадомҳоянд?**

- Метавон даҳ ганҷинаи пурасрори Тоҷикистон - Саразми бостонӣ, Панҷакенти қадим, мавзеи Ҳафткӯл, Қалъаи Ҳисор, Аҷинатеппа, Қалъаи Ҳулбук, Қалъаи Карон, «Боғи миллии Тоҷикистон», Гармчашма ва Қалъаи Ямчунро, ки сайёҳонро бо таърихи ғаниашон мафтун мекунанд, ном бурд.

Дар ҳудудҳои ҳифзшавандаи мамлакат навъҳои гуногун ва нодири ҳайвоноти барои рушди сайёҳии шикор мувофиқ арзёбӣ гардида, ҳазорон дӯстдори шикорро ҷалб менамоянд. Масоҳати ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон зиёда аз 3 миллион гектар доман густурдааст, ки аз мамнуъгоҳҳои табиии давлатӣ, парваришгоҳҳо, ёдгориҳои табиӣ, паркҳои табиӣ ва дигар зарфиятҳо иборат мебошанд. Тоҷикистон чун макони зисти ҳайвонҳои нодир - гӯсфандони кӯҳии «Марко Поло» ва бузи пармашох ё морхӯр шинохта шудааст. Ҳар сол теъдоди довталабони шикори ин ду ҷонвари нодир меафзояд. Айни замон дар мамнуъгоҳҳо ва парваришгоҳҳои табиии кишвар 85 навъи ҳайвони нодир, ба монанди озодапаланг, гурги сурх, оҳуи бухороӣ, ғизол, гӯсфанди кӯҳии бухороӣ, бабри барфӣ, хирси бӯр, гавазни бухороӣ, ҷайрон, силовсини туркистонӣ, ки сайёҳон, махсусан ба дидани онҳо мароқи зиёд доранд, ҳифзу нигоҳбонӣ мешаванд. Миёни ин объектҳо «Парки миллии Тоҷикистон» бо ҳашамат, зебоӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва ҳайвоноту набототи нодир дар Осиёи Марказӣ беназир мебошад. Ин макони афсонавӣ соли 2013 ҳамчун мавзеи нодири табиӣ ба Феҳристи ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гаштааст.

**- Дар оянда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ва муаррифии бештари зарфиятҳои сайёҳӣ чӣ тадбир андешида мешавад?**

- Кумита, тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо мақсади кашфи бозорҳои нави сайёҳӣ, омӯзиши таҷриба, ҷалби сармоя ва рушди инфрасохтори соҳа дар заминаи «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти маҳаллӣ ва ҷонибҳои ҳавасманд чораҳои амалӣ андешида, имконоти мавҷударо сафарбар хоҳад кард.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# РОҲҲОИ МАҲАЛЛӢ ДАР ВОСЕЪ САНГФАРШ КАРДА МЕШАВАНД

**Бо дастгирии раиси ноҳияи Восеъ Ҷамшед Шарифзода ва ташаббуси пешгирифтаи рӯзноманигор Садриддин Ҳасанзода, инчунин мардони саховатпешаи деҳаи Кадучӣ, сангфаршкунии роҳи Кадучӣ то деҳаи Ғаллазору Сардиз шурӯъ гардид.**



- Роҳи деҳоти «Ғаллазор» - и ноҳияи Восеъ то деҳаи Сардиз, ки идомаи роҳи ноҳияи Темурмалик мебошад, 40 сол боз таъмири ҷориро надидааст. Сокинони деҳаи Ғаллазор бо азобу машаққат аз ин роҳ мегузаштанд. Бо муроҷиату дархости сокинони деҳа, тасмим гирифтем, ки роҳро бо дастгирии соҳибкорон ва сокинон пурра сангфарш намоем, - гуфт Садриддин Ҳасанзода.

Номбурда, ҳамчунин, иброз дошт, ки гузаштан аз ин роҳ барои сокинони деҳа басо мушкил ва хатарзо буд. Бо ин мақсад назди вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим даромада, вазъро фаҳмондем ва барои мумфаршкунии роҳ ба роҳсозон номбурда 20 тонна мазут ирсол намуд.

Ҳангоми боздид маълум гардид, ки дар қитъаи роҳи якум ва дуюми роҳ кор бомаром идома дошта, аллакай панҷ километри он пурра сангфарш гардидааст.

Сокини деҳаи Ғаллазор Саид Азимов гуфт, ки сокинон солҳои дароз бо азобу машаққат аз ин роҳ мегузаштанд. Пас аз пурра сангфарш гардидани роҳ рафтуомад бидуни мушкил муяссар хоҳад шуд.

- Айни замон дар деҳаи Ғаллазор беш аз 130 оила зиндагонӣ мекунанд, ки шуғлашон кишоварзию чорводорӣ мебошад. Масофа аз деҳаи Кадучӣ то деҳаи Ғаллазор шаш километрро ташкил медиҳад, - гуфт С. Азимов.

Тибқи пешбинӣ, барои пурра сангфарш намудани ин қитъаи роҳ қариб 800 ҳазор сомонӣ лозим аст. Дастандаркорон умед доранд, ки дар ин кори хайру савоб соҳибкорони ноҳия низ дасти ёрӣ дароз мекунанд.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Проблема ва мулоҳиза

# ИСТИФОДАИ ИНТЕРНЕТ. ОМӮХТАН, КОР КАРДАН Ё ЗОЕИ ВАҚТ?

**Бо вуҷуди он ки дар кишвари мо ҳам интернет оммавӣ шуда, ба воситаи он меомӯзем ва кор мекунем, то ҳол бархе аз намояндагони насли калонсол дар масъалаи истифодаи фазои маҷозӣ насли ҷавонро мазаммат менамоянд. Ба андешаи онҳо, ҷавонон дар интернет танҳо ба дилхушӣ банд шуда, вақташонро зоеъ мекунанд.**

## АЗ МУТАХАССИСИ SMM ТО ТИҶОРАТ

Интернет барои аз худ кардани касб майдони калон ва мусоидеро мемонад. Ба мо вобастааст, ки то чӣ андоза ва дар кадом сатҳ омӯзиши ройгонро ба роҳ мемонем. Яке дарсашро тайёр мекунаду дигаре дар баробари лексияи муаллими донишгоҳ матолиби иловагӣ меҷӯяд. Яке китобхову наворҳои ангезадиҳанда гӯш мекунаду дигаре касбҳои замонавиро тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат аз худ менамояд.

Дар «YouTube» ва дигар шабакаҳо мутахассисони соҳаҳои гуногун курсҳои омӯзиширо ба роҳ монондаанд, ки машҳуртаринашон дарсҳои забономӯзӣ, барномасозӣ, танзимгарӣ, SMM (Social Media Marketing - маркетинг тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ) ва реклама, пухтупаз ва ғайраҳо мебошанд. Аксари курсҳои омӯзишӣ дар «YouTube» ройгон буда, шеваи баёни мутахассисон содаву равон аст.

Хубон Орзуева бо вуҷуди ду дипломи аъло доштан, ҳоло дар соҳаи дигар – SMM ва реклама фаъолият дорад ва ҳаммуассиси Агентии рекламавии «Red branding» мебошад.

Нақл мекунад, ки дар давоми донишҷӯӣ ба реклама ва SMM шавқ пайдо намуда, аз интернет ин корро то андозаи даркорӣ омӯхт. Ӯ намунаест, ки ҳар нафар метавонад аз интернет пешаи дӯстдорашро дар муддати кӯтоҳ омӯзад.

Дониёр Сангинов хатмкардаи филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар Душанбе бо ихтисоси муҳандис мебошад. Нуҳ сол мешавад, ки ҳамчун дизайнер фаъолият дорад.

- Вақте ки омӯхтани дизайнро оғоз кардам, ба мисли ҳозира шароит набуд. Ҳоло ҳар нофаҳмие, ки пайдо шавад, интернет ёрирасонам аст, - гуфт ӯ.

Дониёр се соли охир дар ин соҳа ҳамчун коргари озод кор мекунад. Илова бар ин, ҳоло дар Маркази таълимии «Илмхона» ба дизайнерони оянда дарс медиҳад.

Ҳамсуҳбати дигари мо, ки пешаи ояндаашро аз интернет ва давраҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат аз худ кардааст, Алишер Каримов мебошад. Ӯ нақл мекунад, ки замони хонандаи мактаб будан тавассути интернет фармоиш додану фармоиш қабул кардани маҳсулоти гуногунро фаҳмид. Аз ҳамон вақт то ба ҳол соҳаи тиҷоратро аз интернет ва тренингҳо меомӯзад ва ҳоло мағозаи либосворӣ дошта, зиёда аз даҳ нафарро ба кор таъмин кардааст.

## КОР ДАР ИНТЕРНЕТ

Ҳамон тавре ки интернет барои омӯзиши касбу ҳунар имкон медиҳад, дар масъалаи кор ҳам чунин аст.



Дар шароити кунунӣ барномасозон бо он ки дар интернет барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ сомона месозанду онро назорат мекунанд, маоши хуб мегиранд. Дизайнерон ба воситаи интернет фармоиш мегиранд. Тоҷирон маҳсулоташонро аз интернет мехаранду дар интернет мефурӯшанд. Муаллимон дар интернет дарс медиҳанду маоши хуб мегиранд. Ба ибораи дигар, интернет дар масъалаи кор сарҳадро намешиносад.

## НАСЛИ КАЛОНСОЛ НИЗ ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ ФАЪОЛ АСТ

Бояд гуфт, ки намояндагони насли калонсол ҳам дар фазои маҷозӣ, махсусан «Facebook» фаъол гардида истодаанд, ки аз ҳар ҷиҳат барои насли нав омӯзанда мебошанд. Барои мисол, ҳоло дар «Facebook»-и тоҷикӣ Аскар Ҳаким, Шоири халқии Тоҷикистон аз ҷумлаи фаъолон маҳсуб меёбад.

Номбурда дар «Facebook» шеърҳояшро бо аксҳои мувофиқ мегузорад, вобаста ба мавзӯъҳои рӯз фикрашро менависад ва дӯстону наздиконро ба санаҳои муҳими ҳаёт табрик мекунад. Шоири тоҷик солҳои зиёд аст, ки корбари фаъоли «Facebook» аст ва ҳоло шумораи дӯстонаш наздик ба 4000 нафар расидааст.

Ҳунарманди театру синамо ва ровии шинохтаи тоҷик Нурулло Абдуллоев ҳам дар «Facebook» дар қатори фаъолон мебошанд.

Мавсуф дар «Facebook» монолог менависад, монологҳои солҳои пеш навиштаашро бознашр мекунад, нашрҳои барномаи «Беғараз панди ман»-ро аз «YouTube» мубодила менамоянд ва дар муҳокимаҳо ширкат меварзанд.

Профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва журналисти варзида Ҷовид Муқим низ дар фазои маҷозӣ фаъол аст.

Дар «Facebook» навиштаҳояшро мегузорад, мушоҳидаҳояшро менависад, доир ба мавзӯъҳои мубрами рӯз фикрашро баён мекунад, матолиби блоги шахсияшро мубодила менамояд ва дар ғаму шодии дӯстони маҷозӣ шарик мешавад.

Ҳамчунин, дар «Facebook» гурӯҳе бо номи «Маҳфили «Анис» дорад, ки доир ба маҳфили инфиродияш дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маълумот нашр мекунад.

## БОЯД ҚАБУЛ КАРД

Дигаргуншавии фаҳмиши насли ҷавон ва коромӯзиву корёбии онҳо дар интернет бояд аз ҷониби насли калонсол хуб пазируфта шавад, зеро ҳар насл дар дунёи худ арзишҳо, тарзи омӯзиш, самти кор, касбҳои бозоргир ва ғайраро пайдо намуда, роҳи осон ва мувофиқи пешбурди зиндагиро пеша мекунад.

Аз он ки бархе ҷавононро маломат мекунанд, ки интернет вақташонро гирифта истодаасту ба онҳо чизе намедиҳад, метавон нигаронӣ кард, зеро дар ҳоли ҳозир қобилиятҳои ҷавонон дар фазои маҷозӣ бисёр гарон харида мешаванд.

Ин ҳамаро ба назар гирифта, умед мекунем, ки ҷавонон бо талаботи имрӯза таҳсил гирифта, самаранок фаъолият менамоянд, то дар кишвари мо ҳам намояндагони касбҳои нав зиёд шавад.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

Мушкилот

# КАНАЛИ ЛОҲУР БАЪД АЗ 36 СОЛ БАРҚАРОР ШУД, ВАЛЕ...

**Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ва Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия якҷо бо сокинони деҳаҳо канали Лоҳур, ки 36 сол рӯи таъмирро надидааст, дар масофаи 36 километр аз гилу хоку санг тоза гардид. Мебоист, ки зиёда аз 1800 гектар заминҳои корами хоҷагиҳои деҳқонӣ ва наздиҳавлигии сокинон бо оби полезӣ таъмин мешуд.**



Мутаассифона, баъд аз як мавсими обёрӣ заминҳои корами киштшавандаи хоҷагиҳо ва наздиҳавлигии сокинон чун солҳои пеш бе об монд.

Сохтмони канали Лоҳур тирамоҳи соли 1959 оғоз гардида, моҳи майи соли 1960 ба анҷом расид. Дар кандани канал техникаи зарурӣ истифода шуда бошад ҳам, сокинони деҳаи Лоҳур ва атрофи он ба ҳашари умумӣ баромада, ба сохтмончиён ёрӣ расонданд. То ба анҷом расидани сохтмони канал, дар қисмати ҷанубии деҳа пойгоҳи обкашии №3 мавриди истифода қарор гирифт. Пойгоҳ обро ба баландии 150 метр, ба канали дигари навсохташуда интиқол медод, ки тавассути он заминҳои деҳаи Лоҳур ва деҳаҳои баъдан бунёдёфтаи Тайлонобод, Қосимобод, Галахона ва Тиллообод обёрӣ мешуданд.

Дар заминаи ин иқдом масоҳати заминҳои корам сол аз сол васеъ шуда, ба 7880 гектар расид. Чоруми январи соли 1962 хоҷагии (совхози) «Ҳосилот» ташкил шуду минбаъд заминҳои ин ҳудуд ба тавозуни он гузашт. Он давра дар се ҳазор гектар замини обӣ сабзавоту дигар маҳсулоти ниёзи аввал корида, ҳосили хуб мегирифтанд. Истифодаи самараноки замини лалмӣ низ назаррас буда, дар он ғалладонагиҳо, аз қабили гандум, зағир ва нахӯд кишт шуда, сол аз сол ҳосилнокӣ баланд гардид. Дар баробари равнақ ёфтани соҳаи кишоварзӣ, соҳаи чорводорӣ ҳам рушд ёфта, шир, гӯшт ва пӯст то ду баробар афзуд. Ҷамъоварии пахта ба 4500 тонна расид, ки ин ҳама дастовард ба шарофати сари вақт бо оби полезӣ таъмин гардидани заминҳои корам буд.

Канали Лоҳур то соли 1986 фаъолияти хуб дошт, зеро он ҳар сол баъд аз ҷамъоварии ҳосил, аз ҷониби Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия пурра тоза карда мешуд.

Мутаассифона, канали мазкур бо сабаби корношоям гардидани чор пойгоҳи обкашӣ тӯли 35 соли охир фаъолияти ғайриқаноатбахш дошт. Ин солҳо дар канал об меомад, вале ниҳоят кам буда, заминҳои корами хоҷагиҳои давлатӣ, деҳқонӣ, иҷоравӣ ва наздиҳавлигии сокинон бо об таъмин намегардид. Кишти такрорӣ бинобар бе обӣ дар вақти муайян гузаронида намешуд.

Роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ вазъи баамаломадаро таҳлил намуда, ба хулоса расиданд, ки канали Лоҳурро навсозӣ карда, дар мавсими нави обёрӣ заминҳои ташналаби деҳоти «Лоҳур» - ро шодоб гардонанд. Моҳи декабри соли 2020 бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ таъмиру навсозии канали Лоҳур оғоз гардида, то 25 апрели соли 2021 идома ёфт. Дар ин раванд техникаи зарурӣ ва сокинони деҳаҳои Ҳаёти нав, Тубек, Маданият, Лоҳур, Тайлонобод сафарбар шуданд. Натиҷаи ҳашарҳои дастаҷамъӣ, кори шабонарӯзии мутахассисони Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия ва техникаҳои соҳа буд, ки 26 апрели соли 2021 ба канали Лоҳур об ҷорӣ шуд.

Мардуми деҳоти «Лоҳур» аз ин иқдоми роҳбарияти ноҳия ва Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ қаноатманд шуда, аз заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва сокинон аз замини наздиҳавлигиашон ду ҳосил рӯёниданд. Хурсандии онҳо дер давом накарду дар мавсими обёрии заминҳои корам, ки моҳи апрел оғоз мегардад, канали Лоҳур боз чун солҳои пеш бе об монд.

Сабаби вазъи бамиёномадаро аз масъулини Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ пурсидем. Тибқи иттилои сардори идораи мазкур Тоҷиддин Асомиддинов, канали Лоҳур аз канали Кӯктоши поён сарчашма гирифта, заминҳои ин минтақа тавассути пойгоҳҳои обкашии «Лоҳур», «Лоҳур» - 1, «Лоҳур» - 2, «Лоҳур» - 3, «Лоҳур» - 3а, «Лоҳур» - 4 ва «Лоҳур - 6» обёрӣ мешаванд. Соли 2021, баъд аз таъмиру навсозии канал мушкилоти беобӣ дар деҳоти Лоҳур пурра бартараф шуд. Вале соли равон дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои коркарди қуму шағал, ки шумораашон дар дарёи Кофарниҳон (ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ) беш аз 30 адад асту дар наздикии саргаҳи сарбанди ба канали Кӯктоши поён ҷоришаванда ҷойгиранд, сатҳи об паст шуда, канали Кӯктош бе об монд.

- Ҳарчанд соли равон 27 маротиба сарбандро бо харҷи 430 ҳазор сомонӣ мустаҳкам карда бошем ҳам, корхонаҳои номбурда ба мо имкон надоданд, ки заминҳои корами обии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва наздиҳавлигии сокинони деҳоти «Лоҳур» - ро бо оби полезӣ таъмин намоем, - бо таассуф изҳор намуд номбурда.

Тоҷиддин Асомиддинов гуфт, ки идора дорои 42 иншооти гидротехникӣ бо дарозии 256 километр буда, соли ҷорӣ бо шаш Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ба маблағи 35 миллиону 668 метри кубӣ оби полезӣ шартномаи тарафайн ба имзо расонид. Дар ноҳия 23 адад пойгоҳи обкашӣ мавҷуд буда, аз ин 13 адад фаъол мебошад. Айни замон дар ду пойгоҳи обкашии минтақаи Хоҷабулбулон таъмири ҷорӣ идома дорад. Дар сурати фаъол гардидани онҳо 200 гектар замини корами Ҷамоати деҳоти «Эсанбой» низ бо оби полезӣ таъмин мегардад.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

Энергетика

**Лоиҳаи «CASA -1000» нахустин тарҳи муштараки байниминтақавии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ буда, пайвастшавии шабакаҳои барқи ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистонро дар бар мегирад. Тарҳи мазкур норасоии неруи барқро коҳиш дода, дар ташаккули бозори энергетикӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратии кишварҳои шарик, таъсиси ҷойҳои нави кор, бо назардошти манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳиссагузор хоҳад буд.**

# ТАРҲЕ, КИ МАНЗИЛҲОРО РАВШАНУ КОРХОНАҲОРО МУҚТАДИР МЕКУНАД

Ҳоло васлсозӣ дар зеристгоҳи «Суғд- 500» бо ҷӯшу хурӯш идома дорад. Зимни боздид аз иншоот директори минтақавии «Интиқоли неруи барқи «CASA -1000» Файзалӣ Самиев чунин иброз намуд:

- Дар доираи лоиҳаи «CASA -1000» як қисми неруи барқ аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гашта, тавассути хатҳои интиқоли барқи баландшиддати «Ҷануб - Шимол» ба зеристгоҳи «Регар- 500», аз он ҷо ба вилояти Хатлону сипас, ба Афғонистону Покистон интиқол дода мешавад. Масофа аз марзи Қирғизистон то ин ҷо 27 километрро ташкил медиҳад. Барои қабул намудани неруи барқ аз Ҷумҳурии Қирғизистон зарур омад, ки дар зеристгоҳи «Суғд - 500» чашмаки алоҳида барои хати интиқоли неруи барқи баландшиддати «Датка - Суғд - 500» бунёд намоем.

Ба гуфтаи Файзалӣ Самиев, дар иншооти мазкур танҳо корҳои васлсозӣ мондааст, ки он ҳам дар арафаи анҷомёбист.

Дар баробари кашидани хати интиқоли неруи барқи баландшидат ва бунёди зеристгоҳҳо вобаста ба лоиҳаи «CASA -1000», инчунин амалисозии «Лоиҳаи дастгирии ҷомеа» низ идома дорад. Роҳбари лоиҳаи мазкур Сироҷиддин Каримов зимни суҳбат иброз дошт, ки «Лоиҳаи дастгирии ҷомеа» дар доираи ташаббус ва чорабиниҳои пешбининамудаи «Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи «CASA -1000» дар кишварҳои аъзои лоиҳа (Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон) пешбинӣ шудааст. Лоиҳа дар деҳоти ҳудуди долони гузариши хати интиқоли барқи 500 - киловолтаи тарҳи «CASA -1000» амалӣ мешавад. Созишномаи лоиҳавӣ байни Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд оид ба «CASA -1000» Лоиҳаи дастгирии ҷомеа» 13 ноябри соли 2019 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 15 апрели соли 2020 тасдиқ намудааст.

- Қисмати якуми «Лоиҳаи дастгирии ҷомеа» аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои бахши электроэнергия» амалӣ гардида, он аз ду зерқисмат иборат аст: Зерқисмати 1 а – «Беҳтар намудани таъмини неруи барқ дар деҳаҳои ҳудуди таъсиррасонии «CASA -1000». Зерқисмати 1 б - «Сохтмони зеристгоҳи Исфара-1». Айни ҳол 60 дарсади ҳаҷми умумии корҳо иҷро шудаанд, - гуфт Сироҷиддин Каримов.

Вақте ки аз маҳалли сохтмони зеристгоҳи «Исфара-1» боздид кардем, иттилоъ доданд, ки дар ин самт 90 дарсади корҳо ба анҷом расидаанд. Аз зеристгоҳи мазкур барои таъмини сокинони шаҳраки навбунёди Моҳпарии шаҳри Исфара хатҳои интиқоли барқ кашида мешавад. Бо мақсади кам кардани сарбории зеристгоҳи Исфара -110/35/10 ба дарозии 4,1 километр хати интиқоли барқи 10 - киловолта кашида шудааст.

Баҳри пайваст намудани зеристгоҳ бо хати интиқоли барқи 110 - киловолтаи Конибодом-Шӯроб хати интиқоли барқи 110 - киловолта кашида хоҳад шуд.

Сироҷиддин Каримов иттилоъ дод, ки дар хати барқи 110 - киловолта аз 14 поя 13 - тояш насб гардида, пояи охирин рӯзҳои наздик насб мешаванд. Мувофиқи лоиҳа, оянда дар шаҳраки Моҳпарӣ 2700 оила истиқомат хоҳанд кард.

Таҷҳизоти боқимонда то охири моҳи сентябр тавассути Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид хоҳад шуд,- гуфт дар поёни суҳбат Сироҷиддин Каримов.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Рӯнамоӣ





# САЙРИ «ЛОЛАҲОИ БАДАХШОН»

**Ба қавли устод Мирзо Турсунзода, агар тоҷик табиатан шоир бошад, пас Тоҷикистон табиатан мулки биҳиштист. Ҳар маҳаллу минтақаи он вижагиҳо дорад ва ҳар кадом дурдонаи бебаҳоеро мемонад. Кам андар кам кишваре дар ҷаҳон ёфт мегардад, ки аз лиҳози расму оин, урфу одат, лаҳҷаю шева то ба ин ҳад гуногунрангӣ, вале умумияти ногусастанӣ дошта бошад.**




11 сентябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе муаррифии китоби «Лолаҳои Бадахшон» - и рӯзноманигор ва киношинос Тилло Некқадамов баргузор гардид. Дар маҳфил аҳли илму адаб иштирок ва суханронӣ намуданд. Ҳунармандони шинохта бо суруду таронаҳои дилангез ба маҳфил шукӯҳи дигар зам карданд.

Дар ҷараёни маҳфил аксу сабтҳои овозии таърихӣ аз фаъолияти ягона Ансамбли этнографии мардумии тарона ва рақси «Помир» дар саросари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар мамлакат ғулғула афканд, ба намоиш гузошта шуданд. Сурудҳои халқии таърихӣ чун «Булбулон», «Гула бурдан ба чаман», «Ёри вафодори ман», «Акрамҷон», рақсҳои мардонаи бадахшӣ хотири ҳозиринро болида сохтанд.

Қобили зикр аст, ки Тилло Некқадамов тӯли сӣ соли охир дар корзори журналистикаи ватанӣ ягона нафарест, ки аз боби бурдубохт, таърих ва навгонии киноi тоҷику ҷаҳон мақолаҳо ба табъ мерасонад ва тавассути радиою телевизион тарғибу ташвиқ менамояд.

Дар бораи таърихи синамои тоҷик, коргардону наворбардорон ва ҳунарпешагони мумтоз, аз қабили Комил Ёрматов, Василий Кузин, Иброҳим Барамиков, Қутбиддин Олимов, Борис Кимёгаров, Тоҳир Собиров, Гурминҷ Завқибеков, Марат Орифов, Дилбар Қосимова, Нозукмоҳ Шомансурова, Ҷаҳон Саидмуродов, Маҳмудҷон Воҳидов, Андрей Бобоев, Бимбулат Ватаев ва ситораҳои киноi ҷаҳонию (Стивен Сигал, Никита Михалков, Жерар де Пардё), Ҳиндустон (Раҷ Капур, Митҳун Чакраборти ва Рандҳир Капур, Наргис, Виҷаянтимала) мақолаҳо дарҷ намудааст.

«Лолаҳои Бадахшон» дар бораи таърихи ташкилшавии Ансамбли бачагонаи этнографии Помир ва Ансамбли тарона ва рақси «Помир» қисса мекунад. Инчунин, муҳити фарҳангии солҳои 30 ва 40 – уми ВМКБ дар он мухтасар инъикос ёфта, аз заҳматҳои бунёдгузорони ансамблҳои номбурда В. С. Смирнов, Артисти халқии ИҶШС Ғуломаҳайдар Ғуломалиев, Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон Маманазар Отамов ва ҳаммаслакону шогирдон, инчунин бисёр корҳои наҷиби чеҳраҳои сиёсию фарҳанг миллати тоҷик қисса мекунад.

Он зери назари яке аз бунёдгузорони Ансамбли тарона ва рақси «Помир», режиссёр ва барандаи ансамбл, Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон Алиризо Раҳмонқулов таҳия гардида, муаллиф барои дастгирӣ ва чопи китоб ба доктори илмҳои фалсафа Назархудо Дастамбуев изҳори сипос намуд.

Тилло Некқадамов аз соли 2020 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буда, муаллифи китобҳои «Бозтоби чеҳраҳои дурахшони кино» (соли 2019), «Журналистони Бадахшон» (2005), «Устоди ҳунари актёрӣ» (2012), «Маҳрами сухан» (2015), «Ҳаёти ибратбахш» (соли 2016) ва «Лолаҳои Бадахшон» (2022) мебошад.

**Мирзо РУСТАМЗОДА,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир**
**Неъматулло АЛИЕВ**

ОБУНА - 2023

**ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!** ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» – НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНА БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-52-97.*

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул карда шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Микдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411453 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 22.09.2022 16:50:00 |
| 2 | 411449 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 03.10.2022 15:40:00 |
| 3 | 411448 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои Кохи Сомон, бинои КПП № 1, №2, рангубори дарвозаи даромадгоҳ ва гирду атрофи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.10.2022 15:45:00 |
| 4 | 411450 | Муассисаи давлатии Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи К.Ахмедов | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи К. Ахмедов» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.10.2022 16:10:00 |
| 5 | 411452 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камераҳои видеоӣ-назоратӣ бо аксессуарҳояш дар маҷмӯъ, таҷҳизоти шабакавӣ, мониторҳо, дискҳои сахт, инверторҳо, металлодедектори дастӣ, оинаи муоинавӣ, ноқилҳои гуногун ва молҳои барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 03.10.2022 16:40:00 |
| 6 | 411454 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Намаки техникӣ ва ранги равғанин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 03.10.2022 16:59:59 |
| 7 | 411457 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 04.10.2022 08:25:00 |
| 8 | 411460 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи Ӯроқбой Разоқов»-и шаҳри Панҷакент | Сохтмони бинои Экспертизаи тиббӣ-судӣ, стансияи ёрии таъҷилӣ ва айвони нақлиётӣ дар Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент» (идомаи корҳои сохтмонӣ ва таъмир) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.10.2022 08:50:50 |
| 9 | 411461 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи Ӯроқбой Разоқов»-и шаҳри Панҷакент | Таъмири утоқҳои кории шуъбаи касалиҳои гӯшу бинии МД «Беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.10.2022 08:50:50 |
| 10 | 411462 | Маркази равонпизишкии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 04.10.2022 10:13:30 |
| 11 | 411464 | Беморхонаи ноҳиявии №2, деҳоти Ёваи ноҳияи Б. Ғафуров | Азнавбарқароркунии намои бинои асосии Беморхонаи ноҳиявии №2, деҳоти Ёваи ноҳияи Б.Ғафуров (ҳаҷм: 2 030м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.10.2022 10:30:00 |
| 12 | 411465 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и шаҳри Б. Ғафуров | Насби дегӣ буғӣ ва сафолакпӯш намудани саҳни МТМУ №18 - и шаҳраки Ғафурови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 04.10.2022 10:45:00 |
| 13 | 411455 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои МД «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.10.2022 11:00:00 |
| 14 | 411467 | Муассисаи таълими томактабии №35 - и ба номи «30- солагии Истиқлолият»- и шаҳри Хуҷанд» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 04.10.2022 13:25:00 |
| 15 | 411468 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Таҷҳизоти техникии студиявӣ, мониторҳо ва қисмҳои эҳтиётии компютерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 04.10.2022 13:30:00 |
| 16 | 411471 | Муассисаи давлатии «Оркестри давлатии симфонӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Либосҳои саҳнавии оркестри симфонӣ, таҷҳизоти техникии студиявӣ-саҳнавӣ, баландгӯякҳо, таҷҳизоти тақвияти садо ва ноқил барои баландгӯякҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 04.10.2022 14:20:00 |
| 17 | 411469 | Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Серверҳо, коммутаторҳои шабакавӣ ва таъминоти барқии бефосила | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 04.10.2022 14:30:00 |
| 18 | 411458 | Бахши фарҳанги ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 04.10.2022 15:00:00 |
| 19 | 411459 | Маркази саломатии ноҳияи Дарвоз | Ангишт барои КАТС-и ноҳияи Дарвоз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 04.10.2022 15:00:00 |
| 20 | 411456 | Комиссариати ҳарбии минтақаи Кӯлоб | Таъмири асосии бинои Комиссариати ҳарбии шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2022 10:01:44 |
| 21 | 411466 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 30-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2022 12:06:04 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# SPECIFIC PROCUREMENT NOTICE

## REPUBLIC OF TAJIKISTAN IMPROVEMENT OF WATER RESOURCES MANAGEMENT IN KHATLON REGION
## Sector: Water Resources
## PROCUREMENT OF WORKS
## Mode of Financing: IsDB Loan
## Financing No. TJK-1013

**Contract Title:** Rehabilitation of Sanitation Facilities (1 and 3 lots)

**NCB Reference No.** (as per Procurement Plan): IWRM/NCB/CW/4

1. The Republic of Tajikistan has received for financing from the Islamic Development Bank (IsDB) toward the cost of the Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project and intends to apply part of the proceeds toward payments under the contract for Rehabilitation of Sanitation Facilities (1 and 3 lots).

2. The Agency for Land Reclamation and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan now invites sealed bids from eligible bidders for Rehabilitation of Sanitation Facilities with the completion period of 18 months. Qualification requirements:

**The Bidder must demonstrate:**

It has sufficient to meet the construction cash flow requirements estimated as Lot-1 USD 52 000.00 and for Lot-3 USD 12 000.00 for the subject contract(s) net of the Bidders other commitments;

Minimum average annual turnover of Lot-1 USD 232 000.00, (US dollars two hundred thirty-two thousand) and for Lot-3 USD 50 000.00, (US dollars fifty thousand) calculated as total certified payments received for contracts in progress or completed, within the last three (3) years;

Experience in dismantling of yard toilet; Experience in device of wall of casspool from monolithic concrete D12,5 class; Experience in device of overlay from monolithic ferroconcrete from concrete B15 (including establish into concrete from reinforcement A-III d=8, d=10 mm.- common weight-332 kg); Experience in installation of ventilation pipe d=200mm from polythene; Experience in supply and installation of metal plastic door blocks; Experience in dismantling of yard toilet, garbage area and building.

3. Bidding will be conducted through the National Competitive Bidding NCB) procedures as specified in IsDB's Guidelines: Procurement of Goods. Works and related services under Islamic Development Bank Project Financing (Ayril 2019) («Procurement Guidelines»), and is open to all eligible bidders as defined in the Procurement Guidelines. In addition, please refer to paragraphs 1.18-21 setting forth IsDB's policy on conflict of interest.

4. Interested eligible bidders may obtain further information from Project Implementation Unit and inspect the bidding documents during office hours 09:00 to 17:00 hours at the address given below:

Project Implementation Unit «Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project»

Attn: Mr. Murodali Rakhmatzoda, PIU Director

10, Bohtar Str., 2nd floor, 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan

Telephone: +992 372 2278739

Facsimile number: +992 372 2278786; +992 989 143 721 Electronic mail address: **piu_dvip@mail.ru**

5. A complete set of bidding documents in Russian may be purchased by interested eligible bidders upon the submission of a written application to the address above and upon payment of a nonrefundable fee of USD 50 or equivalent in local currency.

The method of payment will be by direct deposit to the following accounts:

Beneficiary: PIU «Dangara Valley Irrigation»

Address: 10 Bokhtar Str., 3rd floor, 734025, Dushanbe, Tajikistan

USD account 20206840400826101000

Somoni Account in SB «Amonatbonk»: 20202972502353101000

Correspondent Account: 20402972316264

Bank's code: NRA31014002000220016179

TIN: 010013148

BIC: 350101626

The document will be sent by email in PDF format or provided in hard copy upon request.

6. Bids must be delivered to the address below on or before October 12, 2022, 15:00 (Dushanbe time). Electronic bidding will not be permitted. Late bids will be rejected. Bids will be publicly opened in the presence of the bidders' designated representatives and anyone who choose to attend at the address below on October 12, 2022, 15:00 (Dushanbe time).

7. All bids must be accompanied by a «BidSecurity» in the amount of:

Lot 1:4 623.00 USD; and Lot 3: 995.00 USD.

8. The address(es) referred to above is(are):

**State Committee for Investment and State Property Management of the Republic of Tajikistan**
**Street Address: 27 Shotemur Street**
**Floor/Room number: 10**
**City: Dushanbe**
**Tel/Fax: (+992 37) 2218384**
**Web site: www.gki.ti/www.investcom.ti**

# ЭЪЛОН!

**Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ОЗМУН эълон менамояд:**

- Мутахассиси Раёсати баҳисобгирии муҳосибавӣ, молия ва ҷамъоварии ҳаққи хизмати обрасонӣ (маоши мансабӣ - 1062,40 сомонӣ), таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ;
- Мутахассиси шуъбаи пойгоҳҳои обкашӣ ва зерристгоҳҳои обкашӣ - (маоши мансабӣ - 1062,40 сомонӣ), таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ;
- Мутахассиси пешбари Раёсати ҳавзавии беҳдошти замин ва обёрӣ (маоши мансабӣ - 1286,50 сомонӣ), таҳсилоти олии касбӣ, як сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- Сармутахассиси бахши ҳуқуқ (маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ), таҳсилоти олии касбӣ, ду сол собиқаи хизмати давлатӣ ё се сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- Мутахассиси шуъбаи нақлиёт ва механизатсия (маоши мансабӣ - 1062,40 сомонӣ), таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ;
- Сармутахассиси шуъбаи дастгирии ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ), таҳсилоти олии касбӣ, ду сол собиқаи хизмати давлатӣ ё се сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- Сармутахассиси шуъбаи иқтисод ва ояндабинӣ (маоши мансабӣ -1577 сомонӣ), таҳсилоти олии касбӣ, ду сол собиқаи хизмати давлатӣ ё се сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- Мутахассиси шуъбаи дастгирии ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (маоши мансабӣ- 1062,40 сомонӣ), таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ.

Довталабон ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 21 рӯзи баъди ба нашр расидани эълон пешниҳод намоянд:

1) ариза;
2) варақаи шахси баҳисобгирии кадрҳо;
3) се дона сурат (андозаи 4х6);
4) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсилоти зарурии касбӣ, такмили ихтисос ва унвони илмӣ (диплом, шаҳодатнома, аттестат ва ғ.);
5) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи собиқаи умумии меҳнатӣ, аз ҷумла собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос ( нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ);
6) маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ;
7) нусхаи шиноснома;
8) тарҷумаи ҳол;
9) нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
10) маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
11) нусхаи билети ҳарбӣ;
12) маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ.

Ҳуҷҷатҳои дигаре, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои дахлдори хизмати давлатӣ пешбинӣ менамоянд.

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1.**
**Телефон: 235-76-52.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти гумшуда бо РЯМ 1830058982, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2015 ба Бахолова Мойолам додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бо РМА 126090055 ва РЯМ 0130188053, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2019 ба Сафаралиев Хушвахт Маҳмадиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 8Ш-5897-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 30 ноябри соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи Шамсӣ, бинои 23, хуҷраи 46 ба Фозилов Ҷамол Ҷумаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бо РЯМ 015407706, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2021 ба Ҳоҷиев Акмал Аҳтамович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0262037 таҳти қайди 1975-и гумшуда, ки онро Корхонаи воҳиди давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқули ноҳияи Варзоб соли 2020 ба Мухитдинов Шамсидин Насрединович додааст, эътибор надорад.

✓ Табели (замима)-и гумшудаи аттестати силсилаи Т-ШТУ №0041828, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2 ба номи Қутбӣ Кироми ноҳияи Айнӣ соли 2007 ба Халилова Хушнуда Хадировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши силсилаи 1Ш № 1193-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 23 июли соли 2009 ба Кучкалиев Кучкалӣ Худоназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти қайди 10Д – 756-и гумшуда, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 29 декабри соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, бинои 34/2, ҳуҷраи №16 ба Мираков Маҳмад Давлатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи нопурраи гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №94-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1994 ба Халикова Гульнора Мирзоумедовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТА № 0136288-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №94-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2007 ба Халиков Иззатулло Мирзоумедович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2020 ба донишҷӯи факултети муҳандисӣ – технологӣ Шарипов Зикриолоҳ Баҳруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии Т-ШТУ №0179294-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №86-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2008 ба Давлатова Азиза Тағоймуродовна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Пилтан» бо РЯМ 0310017015 барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати ягонагии миллат, ҳимояи манфиатҳои давлат ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 16 сентябри соли 2022, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха*

Навбатдори шумора Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров